Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058
назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти № 196/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар солҳои истиқлолияти кишварамон бо шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафти мамлакат як стратегияҳои давлати қабул кардашудаст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босурати мамлакат, иқтисодиёти ба пуррагӣ рушд менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 – ҳадафи стратегиро пасисар намуда, ҳадафӣ 4 – ум амалӣ шуда истодааст ва ин моро водор менамояд, ки минбъад ҳангоми бунёди иншоотҳои саноатӣ, хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаро дар madди назар дошта бошем.

Омӯзиш ва ҷобаҷогузории оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияҳои иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳқиқии сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия инчунин муайян намудани проблемаҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷойдошта зарурияти дар ин самт бурдани таҳқиқотро ба миён мегузорад.

Мавҷудияти сарватҳои зиёди табиӣ, ба мисли захираҳои обу энергетика, маъданӣ ва ғайримаъданӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби интихоби обеъкти таҳқиқоти кори илмӣ гардид. Дар ҳудуди ноҳия азхудкунӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва раҳҳои ёфтани соҳаҳои комуникатсионӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ кам омӯхта шудааст, ки ин ҳолат мубрам будани мавзуи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар дисертатсия таҳлилу баррасии ин масъалаҳо ва пайдо намудани сабабҳое, ки ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор таъсири манфӣ мерасонанд арзёбӣ мегардад. Маҷмуи масоили мазкур мақсади омӯзиш ва ҳалли ин проблемаҳоро ба миён овард ва ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад.

Рисоланавис тавонистааст, ки дар доираи се боб ва даҳ зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра таҳлил ва ошкор намояд.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи иқтисодӣ - географии ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихи ташакулёбии соҳаҳои хоҷагии халқӣ ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавриди тадкиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат, ҷалби қувваҳаи истеҳсолкунанда ба соҳаҳои саноат, ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳия мавриди таҳлил қарор шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Дурнамои рушд, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноат, дурнамои соҳаҳои кишоварзӣ, проблемаҳои иқтисодӣ – географии рушди соҳаҳои нақлиёт ва дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Ибодов Ш.М. аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад. Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гузаронида шудааст ва барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати

ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷиҳати рушди вазъи иқтисодӣ –географии ноҳия дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои назариявӣ ва амалии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, балки заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда мазкурро таҳлил кардааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми география ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «География» ва «Асосҳои истеҳсолот», «Ноҳиябандии иқтисодӣ географи» истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили ҷобачагузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар кишвар истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми геграфия мавҷудбударо пур менамоянд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Ибодов Ш.М. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.**

1. Бояд қайд намуд, ки муаллиф ҳангоми ба амал баровардани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масоили давраҳои ташакулёбии захираҳои табиӣ, ки яке аз масъалаҳои асосӣ дар география ба ҳисоб меравад, ба таври пурра диққати худро равона накардааст. Ҳамчунин, вобаста ба ин масъала, дар рисолаи илмӣ хулосабарории муаллиф дида намешавад. Албатта, дар вақти дифоъ намудани рисола мехоҳам фикри шахсии муаллифро оид ба масъалаи мазкур шунавам.

2. Дар ҳолати бурдани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ муаллиф дар боби 2. зербоби 2.1. соҳаҳои саноати ноҳияро таҳлил намудааст, лек дар барои махсусгардонии соҳаҳои саноати ноҳия ва такмил одани онҳо андешаи худро баён накардааст.

3. Дар рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда, ки муаллиф дар саҳифаи 172-174 дар тартиб додани рӯйхати адабиётҳо дуруст ҷобаҷо оварда нашудааст.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо забони давлатӣ, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва асарро ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ муаллифи 14 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва

ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 8 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35. Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ибодов Ш.М. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамонд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва соҳаҳои

дигари география мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илми аҳамияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар мусоидат намуда, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Ибодов Ш.М.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 6D060901–Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ сазовор мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.
доктори илмҳои география,
профессори кафедраи геоэкология ва
методикаи таълими Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Раҳимов А.И.

**Имзои Раҳимов А.И. – ро тасдиқ мекунам:**
Садори РК ва КМ ДДХ ба номи
академик Б. Ғафуров Наврузов Э.М.

«24» Апрел 2023 с.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1,
E-mail: rector@hgu.tj, тел: (992-3422) 6-52-73; (992-3422) 6-75-18.